# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ). -Душанбе, 2023. -50 с.**

Калимасозӣ аз ҷумлаи роҳҳои фаъоли ғановати таркиби луғавии забон буда, он пайваста тибқи қоидаҳои дастурӣ инкишоф меёбад. Муҳаққиқони соҳа пажуҳиши ҳамаҷиҳатаи онро яке аз вазифаҳои асосии забоншиносии имрӯз донистаанд. Дар ин росто таҳқиқи роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Зеро Абдулҳамид Самад аз зумраи нависандагони соҳибсабки адабиёти муосири тоҷик буда, омӯзиши ҳамаҷиҳатаи забони осори ӯ метавонад ба шинохти раванди инкишофи забони осори бадеии тоҷикӣ мусоидат кунад. Бо назардошти ҷанбаҳои мазкур диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович таҳти унвони “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” мавзуи мубрами илмӣ ба шумор меравад.

Автореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович аз муқаддима, се боб ва хулоса иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшаванда ва дигар бандҳои анъанавии рисолаҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи масоили калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологӣ дар осори А. Самад бахшида шуда, аз ду фаслу ду зерфасл иборат аст. Диссертант дар ин боби рисола кӯшиш намудааст, ки оид ба матолиби умумии марбут ба калимасозии исм сухан намуда,

вожаҳои сохтаи дар осори адиби мавриди назар корбастшударо вобаста ба усулҳои созмонёбиашон таҳлилу баррасӣ намояд.

Дар боби дуюми диссертатсия роҳҳои калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ баррасӣ гардидааст. Се фасли алоҳида масъалаҳои муқаддимавӣ, бозтоби роҳи лексикӣ-семантикӣ ва усули морфологӣ-синтаксисиро дар бар гирифтааст.

“Роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” - унвони боби сеюми диссертатсия буда, он аз шаш фасл ташкил шудааст. Чун бобҳои қаблӣ дар фасли нахуст масоили муқаддимотӣ матраҳ шуда, фаслҳои дигар исмҳои мураккаби пайваст, тобеъ, сеҷузъа, пасванддор ва омехтаи дар осори А. Самад истифодашуда ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас баъзе камбудиву нуктаҳои баҳсталаб низ ба мушоҳида расиданд, ки зикри онҳоро барои такмили минбаъдаи кори диссертатсионӣ зарур мешуморем:

1. Ҳарчанд номи мавзуъ роҳҳои калимасозии исм унвон гирифта бошад ҳам, дар автореферати диссертатсия роҳи луғавию синтаксисӣ ва усули ихтисораи калимасозии исм аз назари муҳаққиқ дур мондаанд.

2. Диссертант дар мавридҳои муайян ибрози андеша намуда, мулоҳизаҳояшро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз осори мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар баъзе ҳолатҳо аз осори А. Самад ҷумлаҳо оварда нашудаанд (с. 13, 14, 15, 16) ва гоҳҳо мисолҳои овардашуда кифоя нестанд.

Эродҳои зикршуда чандон ҷиддӣ набуда, арзиши илмии автореферати диссертатсияро ҳаргиз коҳиш намедиҳанд.

Муаллиф дар хулосаи умумии фишурдаи диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзуъ ҷамъбаст намудааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки хулосаҳои фишурдаи кори диссертатсионӣ, ки дар охири автореферат бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва

англисӣ оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти ҷории таълифи корҳои диссертатсионӣ буда, моҳияти илмии рисоларо ба таври мухтасар инъикос менамоянд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи "Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** _________ **Саидов Нуралӣ**

**Имзои дотсент Н.С. Саидовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** _________ **Ҳамидов Ш.Б.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ
АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

«30» майи соли 2023

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: +(992) 988-88-25-66
E-mail: nurali.saidov.86@inbox.ru